**Суратмаҷлиси № 3**
**аз маҷлиси якҷояи шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ ва бахши ҳуқуқи ҷиноятии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

**аз 02.02.2024** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** д.и.ҳ., проф. Иброҳимов С.И. (раиси ҷаласа), профессорон Имомов А.И., Шарипов Т.Ш., Ғафурзода А.Д., н.и.ҳ., Муродзода А.А. ва Саидзода М.Ё. (котиби ҷаласа).
**Даъватшудагон**: Зоир Ҷ.М., Қодирзода Т.Қ., Камолов З.А., Холиқзода Ш. Л.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи бахши ҳуқуқи ҷиноятӣ Акмалзода Нодирхон Носир дар мавзӯи **«Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ»**.

Мудири шуъба профессор Иброҳимов С.И. масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласаро ба ҳамагон манзур сохта, аз ҷумла, қайд кард, ки имрӯз дар ҷаласа даври дуюми муҳокимаи рисолаи илмии унвонҷӯй Акмалзода Нодирхон Носир дар мавзӯи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ» баррасӣ карда мешавад. Тавре ба шумо маълум аст рисолаи мазкур қаблан дар таърихи 29.12.2023 дар шуъба мавриди муҳокима қарор гирифта, эродҳои аз ҷониби устодоне, ки рисоларо хонда буданд шунида ва тавсияву пешниҳодҳо манзур гардида, барои ислоҳ мӯҳлат дода шуда буд. Имрӯз тавре мебинем, ҳамаи эроду тавсияҳо ва пешниҳодҳои манзургардида аз ҷониби унвонҷӯй ба инобат гирифта шуда, дар муҳлати муайянгардида ислоҳ ва иҷро гардида, доир ба ин маълумотнома пешниҳод карда шудааст. Бо вуҷуди ин, моро зарур аст, ки бори дигар корҳои анҷомдодашудаи диссертантро баррасӣ намоем. Бо назардошти он, ки бо муҳтавои рисола аксарияти ҳузурдоштагон шинос мебошанд, мубоҳисаи масъалаи муҳокимашавандаро эълон менамоям.

Дар муҳокима профессорон Имомов А.И., Шарипов Т.Ш., Ғафурзода А.Д. ва номзадони илмҳои ҳуқуқшиносӣ Муродзода А.А., Камолов З.А., инчунин Холиқзода Ш. Л. иштирок намуда, андешаҳои худро баён сохтанд.

Ба саволҳои додашуда унвонҷӯй Акмалов Н.Н. посухҳои амиқ доданд.

Дар охир, аз рӯи натиҷаҳои баррасишудаи масъалаҳои рӯзнома, ҷаласа,

**қарор кард:**

1. Рисолаи илмии унвонҷӯй Акмалов Нодирхон Носир дар мавзӯи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ», ки тадқиқоти мустақилона буда, дар мавзӯи мубрам омода гардидааст, кори илмии баанҷомрасида ҳисобида шавад.
2. Дар асоси муҳокимаи гузаронидашудаи рисолаи Акмалов Н.Н. хулосаи ҷаласа ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ омода карда шуда, барои пешниҳод ба Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси **6D.КОА – 019** тавсия дода шавад.

**Раиси маҷлис, профессор** **Иброҳимов С.И.**

**Котиби маҷлис** **Саидзода М.Ё.**

ШУЪБАИ КАДРҲО — ОТДЕЛ КАДРОВ

02.02.2024.